«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика математика, дотсент
_______________ Наҷмиддиниён А.М.
“ 06 ” апрели соли 2023

Тақризи муассисаи пешбар
ба кори диссертатсионии Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)" барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Таърихи ҷомеаи башарӣ оғоз аз ҷомеаи ибтидоӣ то ба қарни тараққиёти босуръати техника ва технологияи пешрафта бо муҳити зист ва биологӣ, дар маҷмуъ бо табиат робитаи ногусастанӣ дорад.

Инсон ҷузъи табиат буда, дар он ташаккул ёфтааст ва сарвату боигарии онро аз худ намуда, фарҳанги муносибати дуруст бо табиатро гиромӣ медорад. Ҳоло инсоният дар муносибати «Одам-табиат» мавқеи назаррас дошта, торафт табиатро амиқтар аз худ намуда, онро ба таҳаввулоти азим, ки барои инсон ва ҷомеа дар тараққиёти дарозмуддат зарур аст, дучор месозад.

Аксарияти олимон ва муҳаққиқони мамлакатҳои гуногун воқеиятҳои мавҷударо дар экологияи сайёраи мо буҳронӣ ва марговар арзёбӣ кардаанд. Акнун пӯшида нест, ки ин вазъияти ногувор бо омилҳои зиёд, аз ҷумла, афзоиши зиёди соҳаи истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолии ҷаҳон, ҳаҷми зиёди истеъмоли захираҳои табиӣ, муносибати нодуруст ва ғайриоқилонаи инсон ба захираҳои табиат ва дар маҷмуъ ба тамоми табиат алоқамандӣ дорад. Иқтидори торафт афзояндаи инсон нисбат ба табиат боиси офатҳои азими табиӣ мегардад, ки пайомадҳои он ҷомеаи инсониро дар давоми даврахои минбаъда то дер ҳамроҳӣ хоҳанд кард. Инқилоби илмию техникӣ, пешрафти техникӣ бо афзоиши таъсири инсон ба муҳити табиӣ бо сарфи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ, истеҳсоли номутаносиби канданиҳои фоиданок ва сарватҳои табиӣ алоқаманд аст. Оқибати чунин муносибат метавонад боиси камшавии бебозгашт, азхудкунии пурраи сарватхои табиӣ, вайрон шудани мувозинати табиӣ, ифлосшавии ҳаво ва офатҳои табиӣ гардад.

Сохтори диссертатсия муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳоро дар бар мегирад.

Бобҳо ва зерфаслҳои диссертатсия аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи рисола паҳлуҳои мухталифи масъаларо мавриди таҳқиқ қарор додааст ва зимни таълифи он аз маводи фаровон истифода кардааст.

Диссертант дар муқаддимаи таҳқиқот оид ба зарурати мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, ҳадаф, фарзия, вазифаи таҳқиқот инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби аввали диссертатсия ба омӯзиши «Масъалаи назария ва амалияи ташаккули технологияи фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ» бахшида шудааст.

Ҷомеаи инсонӣ ҳамеша ва бевосита бо муҳити зист дар робитаи зич қарор дорад. Бояд зикр намуд, ки тамоми таърихи инкишофи инсоният бархӯрд ва зиддиятҳои доимии қонунҳои умумии экология ва амсилаҳои рафтори инсон буда, дар ин зиддият ҷамъияти инсонӣ пайваста ва фаъолона макони зистро дар робита бо принсипҳои фарҳангӣ танзим мекунад. Мавқеи афзоянда ва фаъоли инсон аз захираҳои танзими (худтанзимкунии) табиии низомҳои табиӣ хеле афзудааст ва маълум аст, ки сенарияи фалокати экологӣ дар миқёси ҷаҳонӣ дар солҳои наздик шонси бештаре дорад ва дар аксари таълифот оид ба тасаввуроти илмӣ ва дарки бӯҳрони экологӣ ҳамин бӯҳрони экологӣ мушкилоти асосии муосир мебошад.

Новобаста аз ин, мундариҷаи фарҳанги экологӣ тамоми дастовардҳои аз донишҳои экологӣ ҳосилшуда, инчунин технологияҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати экологӣ қобили қабуланд ва дар маҷмуъ тамоми низоми рафтори ҷомеаи инсониро, ки барои ҳифзи шароити табиӣ ҷиҳати рушди ҷомеа заруранд, фаро мегиранд.

Фарҳанги экологӣ ҳамчун натиҷаи мантиқии тарбия набояд танҳо бо таъсири беруна, экстерналӣ маҳдуд шавад. Шахсе, ки дар доираи фарҳанги экологӣ тарбия ёфтааст, дорои маҳорати на танҳо бо олами беруна дар созиш будан, балки бо моҳияти ботинии худ низ созиш кардан аст. Вобаста ба ин, муқаррарот аҳамияти тарбияи экологӣ дар ташаккули шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг (зеҳнӣ, эҳсосӣ ва эстетикӣ) дар муносибатҳои

пурсамар бо табиат, дигар аъзои ҷомеа бо инъикоси ҷаҳони ботинии шахс аз ҳамин нуқта зоҳир мегардад ва аз нуқтаи назари арзиши мундариҷавии экология ҳамчун маҷмуи донишҳо (табиӣ, техникӣ, гуманитарӣ) амалияи таъсири мутақобила бо муҳити зист ҳамчун муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ қабул карда мешавад.

Бесабаб нест, ки ин ақидаро олимон эътироф мекунанд, ки механизми асосии ташаккули фарҳанги экологӣ низоми умумии мақсаднок ва устувори таълиму тарбияи экологӣ мебошад ва ба принсипҳои пайвастагӣ, муттасилӣ, будан байнифаннӣ асос ёфта, ба назар гирифтани масъалаҳои инфиродии минтақавӣ ва маҳаллии муҳити табииро дар назар дорад.

Таҳқиқоти гузаронидашударо баасос гирифта, бо итминон метавон гуфт, ки фарҳанги экологии омӯзгорро метавон аз мавқеъҳои гуногун, аз ҷумла чунин шарҳ дод:

- ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии шахсии инсон;
- ҳамчун қисми умумии фарҳанги касбию педагогӣ;
- дар доираи фарҳанги омӯзгор дар фанни алоҳидаи таълимӣ аз ҷиҳати касбию педагогӣ.

Сохтори фарҳанги экологии омӯзгор чун қисми фарҳанги умумӣ дар худ ҷузъҳои зеринро фаро мегирад: когнитивӣ, арзишию меъёрӣ, маънавию ахлоқӣ, эҳсосию иродавӣ, фаъолиятӣ.

Ҷузъи аксиологии фарҳанги касбию педагогӣ дар худ маҷмуи арзишҳои педагогиро дар бар гирифтааст, ки дар марҳилаи муосири инкишофи таҳсилот паҳн шудаанд. Ба сифати чунин арзишҳо донишу ғоя ва консепсияҳое мебошанд, ки дар ҳамин марҳила барои ҷамъият, низоми алоҳидаи педагогӣ ва шахсият аҳамияти калон доранд. Арзишҳои педагогӣ танзимкунандаи дохилӣ, аз ҷиҳати эҳсосӣ аз худ кардаи фаъолият мебошад, муносибати одамро ба олами атроф, ба худ муайян мекунанд, мӯҳтаво ва хусусияти фаъолияти касбии иҷрокунандаи ӯро амсиласозӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, фарҳанги касбию педагогӣ дараҷаи муайяни принсипҳою тарзҳои ҳалли вазифаҳои касбию педагогиро аз худ кардани педагог мебошад, ки он ба ташаккул ёфтани ҷузъҳои аксиологӣ, технологӣ ва шахсиятию эҷодӣ вобаста аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло, дар сохтори фарҳанги экологии омӯзгор ҷузъҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- ҷузъи экологию аксиологӣ;
- ҷузъи экологию рафторӣ (фаъолиятӣ).

Исматдинов А.М. зарурати андешидани чораҳои фаъолро барои ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони оянда фанни

технология тасдиқ мекунад, ки минбаъд ба баланд бардоштани сатҳи дониши экологӣ ва арзишии онҳо ба тарзи мусбат мусоидат намояд.

Боби дуюми рисола «Шартҳои дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)» ном дошта, дар он шарти дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар байни омӯзгорони ояндаи фанни технология пешниҳод карда шудааст.

Бинобар ин, вазифаи коркард ва санҷиши таҷрибавии фанни интихобии "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ" ба миён омад, ки майдони маънoии он бояд таъсири мутақобилаи табиат, ҷамъият ва инсонро дар бар гирад. Омӯзгорони оянда бояд фаҳманд, ки таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зист ва хусусияти фаъолияти ӯ механизмҳои фарҳангро муайян мекунанд. Фарҳанг тарзи нигоҳдорӣ ва рушди устувори ҷамъият ва муҳити табиӣ мебошад. Мундариҷаи курс бояд ба он нигаронида шавад, ки донишҷӯён оламро сун низоми яклухт идрок кунанд, ки ба он инсон бо тамоми маҷмуи масоили иҷтимоию табиӣ ворид гардидааст. Масоили иҷтимоию табиии мазкур возеҳан дар шаклҳои фарҳанг таҷассум ёфтаанд.

Барнома барои 72 соати омӯзиши аудиторӣ (3 кредит) пешбинӣ шудааст, ки бо татбиқи лоиҳаи эҷодӣ ва санҷишӣ анҷом меёбад. Дар рафти татбиқи амалияи ташаккулдиҳанда курсҳо низ аз санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шуданд.

Дар мурофиқати дидактикии раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) лоиҳаҳои эҷодии самтияташон экологӣ нақши калон мебозанд. Иҷрои лоиҳаҳои мазкур дар ягонагӣ амалӣ гардонидани тарбия, таълим ва инкишофи экологии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Тавре, ки зикр гардид, фаъолияти лоиҳавӣ омили муҳимми ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология ба шумор меравад. Сабаби ин дар он аст, ки лоиҳакашӣ дар ҷанбаи иҷтимоӣ ва шахсиятӣ яке аз муҳимтарин аломатҳои тафаккури инсони муосир аст, лоиҳакашии педагогӣ бошад, дар баробари вазифаҳои ташкилӣ, гностикӣ, муоширатӣ вазифаи ҳар як омӯзгор маҳсуб мегардад.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он аст, ки шароити дидактикии Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар раванди таълим дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Исматдинов А.М. бо мақсади эътимод ба андешаҳои худ ба таҳқиқоти олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъхазҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти аз ҷониби диссертант гузаронидашуда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта, ба рушди илми педагогика саҳми муносиб мегузорад.

Бояд зикр кард, ки автореферати Исматдинов А.М. ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани зарурати мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усули таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, эътимодбахшии натиҷаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд, бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, онро пурра инъикос менамоянд.

Рисола ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Ба вуҷуди дастовардҳои илмии муаллифи рисола дар таҳқиқоти ӯ баъзе иштибоҳу лағзишҳое роҳ ёфтаанд, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сифат ва муҳтавои он хоҳад буд.

1. Хуб мебуд, агар адабиёти таълимӣ, илмӣ ва методии муаллифони тоҷик бисёртар таҳлил мегардид.

2. Хуб мешуд, агар диссертант китоби дарсиро аз фанни "Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ" бо забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ пешниҳод мекард.

3. Дар диссертатсия ва автореферати он баъзан ғалатҳои услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Камбудиҳои номбурда наметавонанд ба қиммати илмии диссертатсия халал ворид намояд. Муаллиф вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро комилан ҳал намудааст.

Диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ 6 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ба табъ расонда, 6 мақола дар маводи конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ, конференсияи илмию назариявии устодону олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон чоп намудааст, ки пурра мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Зикр мегардад, ки дастурҳои таълимию методии "Экология" (бо забони русӣ) ва "Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ (дар мисолаи фанни Асосҳои истеҳсолот)"таълифнамудаи унвонҷӯ пуркунандаи дисссертатсия ба шумор меравaнд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии диссертатсия дар

гузориши проблема, роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа ва аҳамияти назариявию амалии он ифода ёфтааст.

Мувофиқи натиҷаҳои баёнгардида, диссертатсияи муҳаққиқ Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)” таҳқиқоти илмии мустақилона ба охир расонда ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби муовини директор оид ба корҳои илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода шуда, дар суратмаҷлиси № 08 аз 04 апрели соли 2023 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директор оид ба корҳои илмии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон — Туронов С.Ш.

Коршинос, муқарриз номзади
илмҳои педагогӣ — Махкамов Д.

Роҳбари семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Лутфуллоева П.М.

Котиби ҷаласа — Тоҳириён Ш.А.

Имзои Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М. ва Тоҳириён Ш. А.-ро -ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон — Ҳакимова Х. С.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони С.Айнӣ 126; Тел: +992372258406; E-mail: prmft,tj